20___ Alisher Navoiy nomidagi O'zbekiston MK
A

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

19 феврали соли 2020. Чоршанбе № 16 (14615)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ҲАЙАТИ ВЕНГРИЯРО ҚАБУЛ КАРД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 18 феврал бо ҳайати Венгрия таҳти сарпарастии вазири алоқаҳои иқтисоди берунӣ ва корҳои хориҷӣ Петер Сийярто, ки аз мамлакати мо бо ташрифи корӣ барои баргузор намудани ҷамъомади навбатии комиссияи муштараки байниҳукуматӣ боздид менамояд, мулоқот намуд.

Роҳбари давлат бо қаноатмандии том рушди муттасили байни Ӯзбекистону Венгрияро дар солҳои охир, ки дар рӯҳи дӯстии анъанавӣ ва шарикии бисёрҷанба сурат мегирад, таъкид кард.

Робитаҳои муфид байни мамлакатҳоямон дар дараҷаҳои гуногун роҳандозӣ гардидааст. Табодули мол дар поёни соли гузашта 45 фоиз афзуд. Лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, саноати хӯрокворӣ, дорусозӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба амал татбиқ мегарданд. Дар ҷанбаи таълим, маданият ва сайёҳӣ мубодила васеъ мегардад.

Петер Сийярто аз Президенти Ӯзбекистон барои пазироии гарм самимона миннатдорӣ намуда, беҳтарин таманноҳои Сарвазири Венгрия Виктор Орбанро расонд.

Табодули афкор дар заминаи масъалаҳои муҳими ҳамкории дуҷониба ва ҳамкории минтақавӣ, аз он ҷумла дар андозаи гуфтугӯи дуҷониба бо Иттиҳоди Аврупо ба амал омад.

Ба пеш бурдани лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ бо татбиқи таҷрибаи пешқадам ва технологияи замонавии пешсафтарин ширкатҳои Венгрия ва ҳамчунин таъмини молиявии онҳо эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Зимни мулоқот рушди истиқболноки алоқаҳои байниминтақавӣ, татбиқи барномаҳо дар бахши бонк, дар соҳаи нақлиёт, тарбияи мутахассисони баландмалака муҳокима гардиданд.

Ҷадвали мулоқотҳои оянда дар дараҷаи олӣ низ баррасӣ гардид.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Ӯзбекистон – Туркия:

ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ДАР САТҲИ ОЛӢ БА МАНФИАТИ ДУ ХАЛҚИ БАРОДАР

Тавре ки пештар хабар дода будем, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бинобар даъвати Президенти Туркия Речеп Таййип Эрдоған 19-20 феврал ба ин мамлакат сафари расмӣ карда, дар ҷамъомади аввалини Шӯрои ҳамкориҳои стратегии ӯзбекистониву туркиягӣ ва маросими кушоиши Китобхонаи президенти Туркия иштирок менамояд.

Сафари Президенти Ӯзбекистон ба Туркия идомаи мантиқии мулоқот дар сатҳи олӣ, ҳамчунин боз як шаҳодати равшани торафт мустаҳкам гардидани дӯстӣ ва шарикии стратегӣ дар рӯҳи эътимоди тарафайн хоҳад шуд. Муоҳида дар бораи созмон додани Шӯрои ҳамкориҳои стратегии ӯзбекистониву туркиягӣ дар саҳти олӣ ҳангоми сафари Президенти Туркия ба Ӯзбекистон, ки моҳи апрели соли 2018-ум ба вуқӯъ пайваста буд, имзо гардид. Сохтори мазкур таҳти раёсати сарони ду мамлакат амал хоҳад кард.

Туркия аввалин давлатест, ки истиқлолияти Ӯзбекистонро эътироф карда буд. Муносибатҳои дипломатии байни ду кишвар соли 1992 ба роҳ монда шуда буданд. Сафари давлатии Президент Шавкат Мирзиёев ба Туркия, ки 25-26 октябри соли 2017-ум баргузор шуд, дар рушди муносибатҳои дуҷониба саҳифаи куллан навро боз кард. Бинобар натиҷаи он зиёда аз 20 ҳуҷҷат, ки ба пешбурди ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, нақлиёт ва логистика, савдо, сайёҳӣ, нигаҳдории тандурустӣ, тайёр кардани кадрҳо, мудофиа ва ғайра нигаронида шудаанд, ба имзо расида буданд.

Дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Туркия Речеп Таййип Эрдоған ба Ӯзбекистон, ки 29 апрел – 1 майи соли 2018-ум ба вуқӯъ омад, низ як қатор ҳуҷҷатҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, савдо, нақлиёту логистика, саноат, энергетика, илм, таълим, сайёҳӣ имзо гардиданд.

Дар ҷараёни вохӯрӣ ва гуфтушунидҳои сарони ду давлат, ки мунтазам баргузор мешаванд, ба ҳолати ҷории ҳамкориҳо баҳои ҳаққонӣ дода мешавад, самтҳои бартаринокӣ инкишоф додани онҳо мушахҳас мегарданд. Ин ҷиҳат дар фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои доираҳои корчаллони ду мамлакат, беҳтар намудани иқлими сармоягузорӣ, соддатар кардани режимҳои раводид, татбиқ сохтани лоиҳа ва барномаҳои нави муштарак инъикос меёбад.

Ӯзбекистон ва Туркия ба фаъолтар намудани муносибатҳои тарафайн аз тариқи ба роҳ мондани сафарҳои байнипарлумонӣ, баргузор кардани чорабиниҳои муштарак, фароҳам овардани имкониятҳои нав барои кооператсияи тиҷоративу сармоявӣ, табодули афкор бинобар масъалаҳои рӯзмарраи байналхалқӣ эътибори махсус медиҳанд.

Туркия яке аз бузургтарин шарикони тиҷоративу иқтисодии Ӯзбекистон гардид. Инро торафт вусъат пайдо кардани доираи амали тоҷирони Туркия, ки тиҷорати худро дар кишвари мо ба роҳ мемонанд, тасдиқ менамояд. Аз ҷумла солҳои 2017-2019 дар Ӯзбекистон 750 корхона бо иштироки шарикони туркиягӣ ба қайд гирифта шуд, миқдори умумии онҳо бошад, аз 1140 адад гузашт. Ин ҷиҳат, дар навбати худ ба рушди мубодилаи моли дуҷониба таъсири мусбат мерасонад.

Чунончи, агар соли 2017-ум ҳаҷми савдои тарафайн зиёда аз 1,5 миллиард долларро ташкил дода бошад, соли 2018-ум ин нишондиҳанда то ба 2 миллиарду 200 миллион доллар афзуд. Соли равон мубодилаи моли байни ду мамлакат ба 2,5 миллиард доллар расид. Бояд зикр сохт, ки дар муваффақ шудан ба ин ҳадафҳо фаъолияти Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ аҳамияти бузург дорад.

Фаъол гардидани мулоқоти байни халқҳои Ӯзбекистон ва Туркия ба пешрафти мусбати афзоиши робитаҳои маданиву инсонпарварӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ низ мусоидат менамояд. Устодони санъати кишвари бародар иштирокдорони доимии Ҷашнвораи байналхалқии мусиқии «Таронаҳои Шарқ» ба шумор мераванд. Намояндагони Туркия дар ҷашнвораҳои байналхалқии санъати мақом, бахшигӣ, санъати милливу амалӣ, ки дар Ӯзбекистон бори аввал гузаронида шуданд, низ фаъолона иштирок карданд. Намоиши мустақими Ҷашни умумихалқии Наврӯз, ки дар мамлакати мо васеъ қайд карда мешавад, аз тариқи телевизиони давлатии Туркия низ шаҳодати қаробати ду халқе мебошад, ки решаҳои умумӣ доранд.

Таъсис ёфтани Шӯрои ҳамкории стратегии ӯзбекистониву туркиягӣ дар сатҳи олӣ ва баргузор намудани ҷамъомади нахустини он бобати вусъат додани муносибатҳои дуҷониба ва боз намудани саҳифаи нав дар таъриҳи онҳо ба манфиати халқҳои ду кишвар нақши куллан муҳим дорад.

(Давомаш дар саҳ.2).

ТАРТИБИ ДОДАНИ ЛИТСЕНЗИЯ ВА РУХСАТНОМАҲО КУЛЛАН ТАКМИЛ ДОДА МЕШАВАД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 17 феврал бахшида ба вазифаҳои афзалиятноки куллан такмил додани литсензия ва рухсатномаҳо дар соҳаи соҳибкорӣ ҷамъомад доир намуд.

Роҳбари давлатамон дар Мурочиатнома ба Олий Мачлис оид ба пурра дида баромадан ва беҳтар гардондани тартиби иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ вазифаҳои мушаххас гузошт.

Вақт коҳиш додани намудҳои литсензия ва иҷозатномаҳоро дар асоси таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, содда кардани тартиби додани онҳо, инчунин коркарди механизмҳои шаффофи мониторинги иҷрои қоидаҳои дахлдорро тақозо мекунад.

Бо ин мақсад, гурӯҳи махсуси корӣ иборат аз намояндагони Вазорати адлия, Палатаи савдо ва саноат ва бизнес-Омбудсман таъсис дода шудааст.

Дар ҷамъомад Президент Шавкат Мирзиёев самтҳои асосии фаъолияти гурӯҳи кории мазкурро муайян кард.

(Давомаш дар саҳ.2).

Петер СИЙЯРТО:

АЗ БОЗ ҲАМ МУСТАҲКАМ ГАРДИДАНИ ҲАМКОРӢ МАНФИАТДОР ҲАСТЕМ

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати Венгрияро таҳти сарпарастии вазири алоқаҳои иқтисоди хориҷӣ ва корҳои хориҷӣ Петер Сийярто, ки ба мамлакатамон барои баргузор намудани ҷамъомади навбатии комиссияи муштараки байниҳукуматӣ ташрифи корӣ ба амал овард, қабул намуд.

Петер Сийярто пас аз мулоқот чунин гуфт:

– Пеш аз ҳама барои он ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев барои қабули мо вақт пайдо кард, миннатдории самимӣ изҳор менамоем.

Мулоқот босамар буд. Президент изҳор дошт, ки дар ба амал ҷорӣ намудани лоиҳаҳои муштараки ҳамкории байни Венгрия ва Ӯзбекистон моро аз ҳар ҷониб дастгирӣ менамояд. Ин барои ба зинаҳои нав бардоштани алоқаҳои иқтисодӣ хидмат менамояд.

Боз ҳам ривоҷ додани робитаҳои иқтисодии байниҳамдигарӣ барои ҳар ду ҷониб манфиатнок аст. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ин самт низ хидмати дипломатиро аз нав ташкил намуд ва таъкид кардан мехоҳам, ки ин хеле қарори мақбул аст. Азбаски Венгрия ба сиёсати хориҷӣ эътибори алоҳида медиҳад, ба муваффақиятҳои бузург дар ҷиҳати сармоягузорӣ ва содирот ноил мегардад. Зеро ки ҳамкорӣ бидуни натиҷаи амалӣ баркарор буда наметавонад.

Қабл аз ин ба Ӯзбекистон ҳангоми аз нав кушодани сафоратхонаамон омада будам. Дар ин байн дар мамлакати шумо дар соҳаҳои мухталиф тағйироти зиёд рух додааст, ки ман гувоҳи онҳо гардидам.

Ҳайати мо аз намояндагони соҳаҳои тиҷорате мебошад, ки дар соҳаҳои ТИҚ, телекоммуникатсия, бонку молия, сохтмон, хоҷагии қишлоқ ва об, саноати озуқаворӣ фаъолият мебаранд. Имконоти сармоявие, ки ҷониби Ӯзбекистон пешниҳод менамояд, боиси таваҷҷӯҳи мо мегардад. Ташрифамон барои муҳокима намудани масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои истиқболнок дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт имконияти муносиб фароҳам меорад.

Мо аз он ки дар байни халқҳоямон ҳамкории тарафайн ва муносибати дӯстӣ боз ҳам мустаҳкам мегардад, манфиатдор ҳастем.

Мусоҳиб **З.ҶОНИБЕКОВ,** **хабарнигори ЎзА.**

МИННАТДОРӢ БА ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН

Сарвари ҶМЧ ба Президенти Ӯзбекистон барои ҳамдардӣ ва кӯмак ба халқи Чин сипосгузорӣ кард

Дар номаи Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзинпин ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев гуфта мешавад:

«Муҳтарам ҷаноби Президент, ба Шумо барои ҳамдардиатон вобаста ба муборизаи Чин бар зидди хурӯҷи коронавирус самимона миннатдорӣ баён мекунам.

Тавре ки мегӯянд, чун дар ягон ҷо мусибате рух медиҳад, аз ҳама ҷониб кӯмак мерасад. Ҷомеаи байналхалқӣ, аз ҷумла, Ӯзбекистон, ба ҳукумат ва халқи Чин бо воситаҳои гуногун ҳамдардиву кӯмак мекунанд, ки ин куллан муносибати дӯстонаро нисбати мо намоиш дод.

Ҷониби Чин муҳтаҳиқ аст, ки дар пешгирӣ ва аз байн бурдани эпидемия ғолиб меояд ва тайёр аст дар роҳи нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ дар тамоми ҷаҳон саҳми худро гузорад.

Ман ба пешбурди муносибатҳои чиниву ӯзбекистонӣ эътибори зиёд медиҳам ва омодаам қаробати наздикро бо Шумо дастгирӣ кунам.

Ба Шумо саломатии мустаҳкам ва дар корҳоятон комёбиҳо, ба Ӯзбекистони бародар шукуфоиву некӯҳолӣ орзу мекунам.

Си СЗИНПИН, **Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин».** **ЎзА.**

МУЛОҚОТҲОИ СЕНАТОР АБДУҒАНӢ САНГИНОВ ДАР СУРХОНДАРЁ

Узви Сенати Олий Мачлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Раиси раёсати ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекгидроэнерго» Абдуғанӣ Сангинов ба вилояти Сурхондарё ташриф оварда, бо сокинони ноҳияҳои Узун, Сариосиё ва Деҳнав мулоқот кард.

Дар вохӯрӣ дар коллеҷи тиббии Сариосиё оид ба моҳият ва аҳамияти суханронии Президенти кишвар дар ҷамъомади умумии якуми Сенати Олий Мачлис ва Мурочиатномаи ӯ ба парлумон мубодилаи муфассали афкор сурат гирифт. Дар чорабинӣ инчунин дар бораи рушди дарозмуддати стратегии Ӯзбекистон, кор оиди ба ташаббускори ислоҳот табдил додани ҷамъият ва вазифаҳои навбатӣ баррасӣ шуд.

— Солҳои охир озодӣ ва шаффофият дар ҳаёти мо мустаҳкам қарор ёфт, ки ин натиҷаи ислоҳоти дар кишвари мо татбиқшаванда мебошад. Бо шарофати ин, мардум мушкилоти худро озодона ба мақомоти давлатӣ баён мекунанд ва дар бораи онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ошкоро сухан меграванд. Ман медонам, ки аксарияти шумо аз нарасидани нерӯи барқ шикоят мекунед. Азбаски ман мутахассиси ин соҳа ҳастам, мехоҳам ба шумо як чизро гӯям. Айни замон, бинобар сохтмони корхонаҳои нави замонавӣ, афзоиши босуръати истеъмоли энергия дар вилояти Сурхондарё 137 МВт нерӯи барқ намерасад. Ин масъала дар сатҳи давлатӣ таҳлил шуда, барои рафъи он чораҳои дахлдор андешида мешаванд. Соли равон дар ноҳия НБО Зарчаб бо иқтидори 75 МВт ва соли оянда НБО Тӯпаланг бо иқтидори 175 МВт ба истифода дода мешавад. Трансформаторҳо, симчӯбҳо ва кабелҳои кӯҳна тадричан иваз карда мешаванд. Ба наздикӣ ман аз шабакаи иҷтимоӣ дар бораи мушкили норасоии нерӯи барқ дар маҳаллаи Нилоба хабар ёфтам. Имрӯз мо кӯшиш менамоем, роҳи ҳалли ин масъаларо пайдо кунем.

Дар доираи чорабинӣ таҳти унвони «Вохӯрӣ бо сенатор» бо иштироки ҳокими вилояти Сурхондарё Т. Боболов, ҳокими вилояти Сариосиё У. Тӯраев ва роҳбарони мақомоти ваколатдор масъалаҳое, ки боиси нигаронии шаҳрвандон гардиданд, шунида шуданд. Мушкилоти ба таъминоти газ, қувваи барқ ва об, таъмири роҳ, шароити муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ марбути онҳо дар маҳал омӯхта шуда, мавриди назорат қарор гирифтанд. Манбаъҳои бо маблағ таъмин кардани роҳҳои ҳаллу фасли онҳо муайян шуданд.

Дар зиёда аз 740 хонаҳои маҳаллаи Нилоба беш аз 3200 нафар одамон зиндагӣ мекунанд. Як гурӯҳи сокинони маҳаллӣ дар шабакаи иҷтимоӣ дар бораи нарасидани қувваи барқ хабар додаанд. Тадқиқот нишон дод, ки довталабон дар минтақаи муҳофизати дарё манзил сохтаанд. Баъзеҳо ҳатто ҳуҷҷатҳои кадастрӣ надоранд. Сохтмони хонаҳои нав дар солҳои охир боиси норасоии нерӯи барқ шудааст. Ба трансформатори дорои қудрати бештар ниёз пайдо шуд. Илова бар ин, баъзе симчӯбҳо кӯҳна шудаанд. Ин масъаларо сенатор А. Сангинов рӯзҳои наздик ҳал хоҳад кард.

Ин мушкилот дар тамоми ноҳия омӯхта шуда, дар натиҷа қарор карда шуд, ки тақрибан бист трансформатор ва қариб 2000 ҳазор симчӯбро иваз кунанд.

Худи ҳамон рӯз ҳокими вилоят Т. Боболов ва сенатор А. Сангинов ба беморхонаи касалиҳои сироятнокунандаи ноҳияи Сариосиё ташриф оварда, онро аз назар гузаронданд. Қарор шуд, ки бинаро тармим карда, барои беморон шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Чунин масъалаҳо дар мулоқоти узви Сенати Олий Мачлис дар ноҳияҳои Узун ва Деҳнав бардошта шуданд. А. Сангинов масъалаҳои муҳимро дар маҳал омӯхт. Аз ҷумла, кӯпруке, ки маҳаллаҳои Серҳаракат ва Мустақилликро мепайвандад, 40 сол қабл сохта шудааст. Тӯли солҳои зиёд, бар асари селҳои сахт дар фасли баҳор, атрофи кӯпрук, ки болои иншоати селбари "Дунгизолди" сохта шудааст, хароб шудааст. Хароб шудани он метавонад ҳаракати нақлиётро ба деҳаи Халқобод, ки дар он зиёда аз 600 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, боздорад.

Мактаби № 53-и маҳаллаи Мустақиллик тақрибан бист сол пеш бо роҳи ҳашар сохта шудааст. Зараркунандаҳои термитӣ ба муассисаи таълимие, ки дар он 140 бача таҳсил мекунанд, зарари ҷиддӣ расонданд. Вакили халқ ба мактаби дар минтақаи дурдаст воқеъгардида рафта, онро аз назар гузаронд, масъулияти сохтмони мактаби нави замонавиро ба зимма гирифт.

Мулоқотҳои аввали сенатор аз он ҷиҳат ҷолиб буданд, ки онҳо ҳаллу фасли мушахҳаси рафъи мушкилоти зиёдро пайдо карданд.

Х. МАМАТРАЙИМОВ, **мухбири ЎзА.**

Ўзбекистон – Туркия:

ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ ДАР САТҲИ ОЛӢ БА МАНФИАТИ ДУ ХАЛҚИ БАРОДАР

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар вохӯрии мазкур дар ҳайати васеъ доираи зиёди масъалаҳо оид ба самтҳои зерин, аз ҷумла мулоқоти сиёсӣ, робитаҳои байнипарлумонӣ, ҳамкориҳои тичоративу иқтисодӣ, сармоявӣ, маданиву инсонпарварӣ, мубодилаи сайёҳӣ ва бисёр соҳаҳои дигар муфассал муҳокима мегарданд. Ба ҳолати муносибатҳои шарикӣ баҳои воқеъбинона дода шуда, вазифаҳои пешоманд нобинобар рушди онҳо мушаххас мегарданд.

Дар гуфтушунидҳо мушкилоти рӯзмарраи минтақавӣ ва байналхалқӣ, аз ҷумла кумакрасонӣ барои истиқрори сулҳ дар Афғонистон, ҳамчунин масъалаҳои таҳкими мулоқоти тарафайн дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории исломӣ ва Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркзабон низ баррасӣ хоҳанд шуд.

Бинобар натиҷаи ҷамъомади аввалини Шӯрои ҳамкории стратегии ўзбекистониву туркиягӣ дар сатҳи олӣ имзо кардани изҳороти муштарак пешбинӣ гардидааст, ки ба бо муҳтавои амалӣ пурратар намудани шарикии стратегии байни кишварҳои мо нигаронида шудааст.

Пешбинӣ мегардад, ки Президенти Ўзбекистон дар маросими кушоиши расмии Китобхонаи президенти Туркия маъруҳзаи табрикӣ эрод менамояд. Ин тасдиқи қаробати маънавии ду халқ, эътибори саронби давлатҳо ба масъалаҳои рушди илму маърифат хоҳад шуд, ки ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст.

Китобхонаи мазкур дар тӯли ду сол дар ҳудуди маҷмӯи Президенти Туркия бунёд гардид. Бинои он симои ба ҳуд хос дорад, дар бунёди он усулҳои меъмории даврони Салҷуқиҳо, Салтанати усмониён ва замонавӣ васеъ истифода шудааанд. Майдони умумии бинои ёздаҳошёна 120 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар фонди китобхона баробари асарҳое, ки ба маданият, илм ва санъати Туркия дахл доранд, осори нодири бахшида ба инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ, дастнависҳои қадимӣ, китобҳои илмии замонавӣ низ нигаҳдорӣ хоҳанд шуд.

Даъват шудани Президенти Ўзбекистон ба ин чорабинии муҳташам ба сифати меҳмони олиқадр шаҳодати ҳамдилӣ дар дарки муҳимияти илму маърифат бобати рушди маданиву маънавии наслҳои оянда, моҳияти онҳо барои рушди кунунии давлат ба шумор меравад.

Воқеан, дар мамлакати мо мувофиқи Стратегияи амалиёт, ки бо ташаббуси роҳбари давлат қабул шуд, ҳамчунин панҷ ташаббуси муҳим бобати ба роҳ мондани корҳои иҷтимоӣ, маънавиву маърифатӣ бинобар низоми нав, ба тарғибу ташвиқи мутолиаи китоб дар байни ҷавонон эътибори махсус дода мешавад. Дар соли 2020-ум, ки дар Ўзбекистон Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ эълон гардид, корҳои мустақим дар тарбияи насли навраси пешқадам ва аз ҷиҳати маънавӣ комил идома меёбанд.

Ўзбекистон, ки дар олам ба сифати яке аз гаҳвораҳои маънавии халқҳои туркзабон эътироф шудааст, ба забти қуллаҳои нави пешрафти ҳуд саъй менамояд. Дар ин ҷараён ба ҳамкорӣ бо шариконе стратегӣ ва кишварҳои дӯст, аз ҷумла Туркия, аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Сафари роҳбари давлати мо низ ба ин ҳадафҳо ҷавобгӯ буда, ба иҷрои саъю кӯшишҳои нек баҳри шукуфоии халқҳои ҳар ду мамлакат хидмат хоҳад кард.

АИ «Дунё».

ТАРТИБИ ДОДАНИ ЛИТСЕНЗИЯ ВА РУХСАТНОМАҲО КУЛЛАН ТАКМИЛ ДОДА МЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Зарурати аз намудҳои фаъолияти литсензионӣ хориҷ намудани пеш аз ҳама он намудҳое, ки ба саломатии инсон ва ба ҷомеа зиён намерасонанд, зикр гардид. Масалан, фаъолият оид ба таҳсил гирифтан дар марказҳои таълимӣ барои ҳаёт ва саломатӣ хатарнок набошанд ҳам, дар айни ҳол гирифтани иҷозатнома ҳатмӣ мебошад.

Баробари ин, баъзе шартҳои иҷозатномадиҳӣ дар соҳаҳои дахлдор рақобатро маҳдуд мекунанд. Аз ҷумла, бюрои ягонаи вомӣ бо паҳн кардани маълумот дар бораи таъриҳи вом машғул аст ва талаботи имрӯз муқаррарҳардида ба ворид шудани иштирокчиёни нав ба ин бозор имкон намегузорад. Ҳамин тавр, барои кушодани бюрои қарз шумо бояд ҳадди ақалл розигии 10 бонки тиҷоратро гиред. Аз 30 бонки мавҷуда 26-тоаш муассисони бюрои ягонаи вомӣ мебошанд. Ҳатто агар 4 бонки боқимонда барои ташкили бюрои нав розӣ шаванд ҳам, ташаббускор иҷозатнома гирифта наметавонад.

Дар маҷлис зарурати татбиқи васеи усулҳои муқобили танзими фаъолияти соҳибкорӣ қайд шуд.

Дар таҷрибаи хориҷӣ ҷунин усулҳои муқобили литсензиядиҳӣ ба монанди хабардор кардан, суғуртаи масъулият, ҳудтанзимкунӣ, танзими техникӣ мавҷуд мебошанд. Масалан, дар кишвари мо соҳибкор барои ба манзили ғайриистиқоматӣ интиқол додани бинои истиқоматӣ бояд иҷозати алоҳида гирад. Ҳол он ки ба шуъбаҳои давлатӣ дар ин бора хабар додан кифоя аст.

Ба ҳамин тарз, барои субъектҳои соҳаҳои риэлторӣ, аудиторӣ, идоракунии судӣ ва дигар фаъолиятҳо суғуртаи масъулият ё ҳудтанзимкуниро ҷорӣ кардан мумкин.

Ба ин муносибат ба вазоратҳои адлия, оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва Агентии идоракунии активҳои давлатӣ супурда шуд, ки дар давоми ду моҳ усулҳои муқобили танзими фаъолияти соҳибкориро ҷорӣ кунанд.

Роҳбари давлат инчунин зарурати аз нав дида баромадани тартиб ва мӯҳлати додани литсензия ва иҷозатномаҳоро қайд кард.

Ба Вазорати адлия супурда шуд, ки дар муддати як моҳ шартҳои додани литсензия ва иҷозатномаҳо, миқдори пардохтҳоро омӯхта, шартҳои онҳоро дақиқ муайян намояд.

Ба ғайр аз ин, ҳолатҳои ҷудогонае ҳастанд, ки соҳибкор ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани иҷозатнома муддати тӯлонӣ ҷамъ меорад, аммо дар натиҷа бо сабабҳои ночиз баррасии ариза рад карда мешавад.

Дар ҷамъомад Шавкат Мирзиёев зарурати ба раванди иҷозатномадиҳӣ пурра ҷорӣ намудани технологияҳои замонавиро қайд кард.

То ҳол 79 фоизи литсензияҳо ва 80 фоизи ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ дар шакли коғаз дода мешаванд. Соли 2014 маҷмӯи низоми иттилоотии "Литсензия" ба истифода дода шуд, аммо дар айни замон ин портал ба дараҷаи бояду шояд фаъолият нишон намедиҳад. Соли гузашта беш аз 4 ҳазор литсензия бе риояи тамоюли «равзанаи ягона» дода шудааст.

Ба Вазорати оид ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия ва Вазорати адлия супориш дода шуд, ки то 1 августи соли ҷорӣ системаи ягонаи электронии пурра автоматиконидашударо, ки тамоми равандҳои марбут ба литсензиядиҳиро дар бар мегирад, ба кор дарорад.

Роҳбари давлат инчунин зарурати ҷорӣ кардани низоми нави шаффофи мониторинги пас аз иҷозатномадиҳиро зикр намуд. Масалан, мақомоти назорати оташнишонӣ бояд фаъолияти субъектҳои ба насби таҷҳизоти оташнишонӣ машғулро назорат кунанд, аммо дар амал ҷунин система вуҷуд надорад.

Зарурати ба роҳ мондани низоми автоматиконидашудаи таҳлили хавфҳо ва назорати фосилавӣ бинобар тамоми намудҳои фаъолият, ки бояд литсензия гиранд, қайд шуд.

Президент таъкид намуд, ки ҷорӣ намудани системаи назорати ҷамъиятӣ барои пешгирии коррупсия ва ҳуқуқвайронкуниҳои мухталиф дар ин соҳа тақозо мегардад.

Шахсони масъул дар бораи корҳое, ки дар самтҳои мазкур амалӣ мегарданд, ҳисобот дода, инчунин дар қисмати соҳаҳо дар бораи намудҳои литсензия ва иҷозатномаҳое, ки бекор карданашон мувофиқи мақсад мебошанд, маълумот доданд.

ЎзА.

Дар асоси супориши Президент, ки 2-3 майи соли 2018 ҳангоми ташриф ба вилояти Намангон бинобар ташкил кардани маҷмӯаи истеҳсолоти калон дар ноҳияи Норин дода буд, маҷмӯаи истеҳсолии қимати лоиҳааш 40 миллиард сӯм – филиали Норини корхонаи муштараки «Uztex group» барпо гардид.

Корхонаи калони мазкур, ки як гектар майдонро ишғол кардааст, метавонад ҳар сол 3 миллион доллар маҳсулоти содиротбоб истеҳсол кунад.

Бо ба фаъолият шурӯъ кардани корхона 500 ҷойи нави корӣ ташкил гардид. Муҳимаш ин аст, ки бо дарназардошти занону духтарон будани аксарияти коргарон бо мақсади барои онҳо шароити мусоид фароҳам овардан аз ҷониби корхона дар ҳудуд сохта ба истифода супурда шудани кӯдакистони дорои 160 ҷой супориш дода шуд.

***Дар сурат:** дар филиали Норини корхонаи муштараки «Uztex group».*

Суратгир: Ҳотам МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).

Ҳар як оила — соҳибкор

ПАДАР ПАХТАКОРУ... ДУХТАР ДЎЗАНДА

Табиати одамӣ ҳамин хел: дар аввали кор аз навоварӣ, яъне аз тарзу услуби нави кор, ё ҳуд аз оғоз кардани кори барояш бегона андак меҳаросад. Гумону шубҳаҳое мисли "оё аз ўҳдааш мебаромада бошам?", "оё ин корам дуруст бошад?", "оё шарманда намешавам?" ўро ором намегузоранд... Аммо ҷараёни пуршиддати имрӯзаи зиндагӣ ҷу дарёи маст маҷроҳои нав ба нав меҳоҳад. Бармеояд, ки зиндагӣ моро ба роҳи нав ҷустан водор мекунад...

Ба пайдо шудани "кластер"-ҳо дар соҳаи кишоварзӣ ҳанӯз се сол ҳам нашудааст. Аммо дар ҳамин муддати кӯтоҳ ҳам ин услуби корбарӣ бартариятҳои ҳудро нишон дода тавонист ва онҳое, ки ба дурустии ҷунин тарзи корбарӣ шубҳа доштанд, ҳатои ҳудро дарк карданд...

Соли сипаригашта пахтакорони вилояти Сирдарё 190 ҳазор тонна ҳосили пахта ғундоштанд. 120 ҳазор тоннаи ин ҳосилро "Бек кластер", "Боёвут техагро", "Индорама агро" ва "Политекс Сирдарё" барин кластерҳое, ки дар вилоят фаъолияташонро ба роҳ мондаанд, истеҳсол карданд. Ҳоло сухан аз хусуси яке аз ин кластерҳо меравад.

Расо як сол қабл, яъне дар аввали соли 2019 овоза шуд, ки фермерони ноҳияи Сайҳунобод ба тарзи корбарии "кластер" мегузаранд ва аз ин баъзеҳо шод шуданду ҳавсалаи баъзеҳо пир шуд. Дере нагузашта соҳибкори ботаҷриба Дилмурод Абдураҳмонов бо хоҷагиҳои фермерии ноҳия шартнома баста, ҷамъияти масъулияташ маҳдуди "Политекс Сирдарё", яъне кластери нисбатан хурдро таъсис дод. Бо қарори махсуси ҳукумат ба ин ҷамъият 17450 гектар замин ҷудо карда шуд.

Барои бомуваффақият таъмин кардани кори кластер таҷрибаи пешқадами Туркия, Хитой ва Исроил амиқ омӯхта шуд. Дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Институти хокшиносӣ таркиби хоки ҳар як қитъа замини ба ихтиёри кластер додашуда то ду метр амиқӣ таҳлил гардид ва дар асоси ин таҳлили илмӣ барои ҳар як қитъаи зироаткорӣ тадбирҳои мелиоративию агротехникӣ таъин карда шуд. Корҳои заминҳамворкунӣ бо воситаи асбобҳои лазерӣ амалӣ гардид. Ҷамоаи кластер бо мақсади баланд бардоштани ҳолати мелиоративии замин, таъмини шаффофии корҳои агротехникӣ ва дар оянда рӯёндани ҳосили баланд аз ҷамъияти саҳҳомии "Ўзагролизинг" ба маблағи 14614,9 миллион сӯм воситаи гуногуни техникаи хоҷагии қишлоқро бо роҳи лизинг харид.

Алҳол ҷамоаи кластер ба ҳосили соли ҷорӣ тайёрӣ мебинад. Аз ҷумла захираи поруҳои маъданӣ, воситаҳои ҳимояи зироат, регуляторҳои ривоҷдиҳии зироат барпо карда мешаванд. Бо ин мақсад аз ҷамъияти саҳҳомии "Максам Чирчиқ" аллакай 80 тонна селитра, 2900 тонна сулфат, 1800 тонна карбамид ва дигар поруҳои маъданиву воситаҳои кимиёӣ, ангезандаҳо харид шуданд.

Алҳол бо мақсади аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин намудани фаъолияти барқарори кластер хоҷагиҳои чорводорӣ, паррандапарварӣ ва моҳипарварӣ ташкил карда мешаванд. Ғайр аз ин, мувофиқи реҷаи ҷамоаи кластер ҳоло дар ҳудуди ноҳияи Сайҳунобод сохтмони заводи газвор идома дорад, ки бояд моҳи августи соли ҷорӣ ба истифода супорида шавад ва 700 нафар ҷавононро бо кор таъмин намояд. Барои сохтмони ин корхона бо яке аз ширкатҳои шаҳри Мёнҳенгладбахи Олмон ба маблағи беш аз 18,5 миллион евро шартнома ба имзо расидааст. Дар ояндаи наздик дар асоси технологияи Чин бунёди заводи истеҳсоли равғани пахта ва корхонаи кӯчаки истеҳсоли орд пешбинӣ мегардад.

Таҷрибаи яксола нишон дод, ки дар ояндаи на чандон дур ҳосилнокии замин ба 45 сентнерӣ расонда мешавад. Ба деҳот овардани саноат, аллакай гапи нав нест, дар пеши назари пахтакорон аз нав коркард шудани ашёи хоми онҳо табиист, ки ба ғайрати онҳо ғайрат зам мекунад. Яъне падар пахтакору ҳамсар бофанда ва духтари онҳо дўзанда хоҳад шуд...

Тўхтамиши БОҚӢ,
хабарнигори
"Овози тоҷик" дар вилояти Сирдарё.

Дар вилояти Фарғона дар самти паррандапарварӣ ташкил кардани лаборатория ва инкубаторияҳо, расондани тухм, пойгоҳи ғизо, сехҳои бонӣ, кушиш ва ба қисмҳо ҷудо кардани мурғ, роҳандозии фаъолияти кластерҳои ҳамаи ҷараёнҳои то қадоқкунӣ ва содиротро умумикунанда, дар бобати дар ҳаёт татбиқ кардани лоиҳа ва ташаббусҳои нав лоиҳаҳои ҷадид амалӣ мегарданд.

Айни замон дар вилоят дар самти паррандапарварӣ 85 хоҷагии фермерӣ фаъолият дорад.

Соли гузашта дар самти мазкур 10 лоиҳаи пешоманд амалӣ гардид. Дар натиҷа миқдори паррандаҳо ба 404 ҳазор зиёд шуд, зиёда аз 170 ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд.

***Дар сурат:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Водий наслнинг паранда»-и ноҳияи Бешариқ.*

Суратгир: Муқимҷон ҚОДИРОВ (ЎзА).

Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ

МАТЕМАТИКА — АСОСИ ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

Дар мамлакатамон соли 2020 Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ эълон гардид. Роҳбари давлатамон вақте дар Муроҷиатномаи ҳуд ба Олий Маҷлис дар ин хусус ҳарф мезад, таъкид намуд, ки бояд ҳар сол чанд самти устувори илму фан ривоҷ дода шавад ва пешбинӣ гардид, ки соли равон дар бахши математика, химиёву биология ва геология ба тадқиқотҳои фундаменталию амалӣ такон бахшида хоҳад шуд.

Президент 31 январи соли равон ба мақсади ошноӣ бо институтҳои илмию тадқиқотӣ ташриф оварда, бо аҳли илм дар ин хусус мулоқот ороста буд.

Хабарнигорамон бо директори Институти математикаи ба номи В. Романовскийи Фарҳангистони улуми Ўзбекистон, академик, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Шавкат Аюпов доир ба ин ташриф ва вохўрии роҳбари давлат бо аҳли илм суҳбат орост.

– Муҳтарам, Шавкат Абдуллоевич, сафари роҳбари давлатамон ба институтҳои илмию тадқиқотӣ ба Шумо чӣ таассурот боқӣ гузошт?

– Дар Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ мулоқоти сарвари давлатамон бо олимони саршиносу ҷавони институтҳои илмию тадқиқотӣ ва донишҷӯён, ки бо илму маърифат сарукор доранд, басе рамзӣ буд. Дар Муроҷиатномаи Президент омадааст, ки бояд ҳар сол чанд самти устувори илму фан ривоҷ дода шавад. Имсол бояд дар бахши фанҳои дақиқ, ба мисли математика, химия, биология ва геология тадқиқотҳои фундаменталию амалӣ гарм месозад.

Боиси хушнудист, ки дар доираи иҷрои қарори сарвари мамлакатамон доир ба рушди минбаъдаи фанни математика ва таълими он дар шаҳраки Донишҷӯёни пойтахт бинои нави Институти математикаи Фарҳангистони улум бунёд мегардад.

Суханони зерини сарвари давлатамон: «Акнун олимонамон бояд масъулиятро амиқ ҳис карда, бо тадқиқотҳои амалӣ ба рушди соҳаҳои дахлдор саҳми сазовор гузоранд. Аз академикҳо ва олимони ҷавоне, ки дар ҷодаи илм қадамҳои нахустини ҳудро мегузоранд, шуҷоат ва натиҷаҳои амалӣ талаб карда мешавад», ба дӯши аҳли илм бори масъулият гузошт.

Соли 2020 Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ эълон шуд, гуфтем. Иқтисодиёти рақамӣ, яъне чӣ? Ин маъноои онро дорад, ки ҳама чиз бояд бо рақамҳо дақиқ ифода карда шавад. Яъне, рушди технологияи ахборро бе фанни математика тасаввур наметавон кард.

– Мегўянд, ки ҳар чӣ собиқа дошта бошад, оянда дорад. Ба фикри Шумо, дар гузаштаҳои дуру наздик илмҳои дақиқ, аз ҷумла математика, дар кишвари мо то кучо ривоҷ ёфтааст?

– Дар гузаштаҳои дуру наздик алломаҳои Шарқ бо илмҳои дақиқ, мисли математика (риёзиёт), геометрия (ҳандаса), химия (кимиё) ва биология (растанишиносӣ) иртиботи ногусастанӣ доштанд. Аллома Мусо ал-Хоразмӣ, асосгузори илми алгебра – муаллифи китоби «Ал-ҷабр ва муқобала», Ал-Фарғонӣ, Мирзо Улуғбек аз он ҷумлаанд.

Дар қарни XX зодаву парвардагони кашварамон В. Романовский, Қорӣ Ниёзӣ, Т. Саримсоқов, С. Сироҷиддинов ва М. Салоҳитдиновҳо бо тадқиқотҳои арзандаи ҳуд дар ташаккулёбии математикаи муосир саҳм гузоштаанд. Имрӯз мактаби онҳоро академикон Ш. Аюпов, А. Аъзамов, Ш. Алимов, Ш. Фармонов ва Ҷ. Хочаевҳо идома медиҳанд. Пас, ҳалқаҳои занҷир ба ҳам пайвастанд.

– Донистани он, ки Институти математика дар кишвари мо кай созмон ёфтааст, барои хонанда мароқангез аст...

– Институти математика, ки номи асосгузори мактаби математикаи замонавии Тошканд В. Романовскийро дорад, дар кишварамон соли 1943 созмон дода шудааст. Дар ибтидо дар институт, ба ҷуз математика, доир ба механика, геофизикаи назарӣ, сейсмология, техникаи ҳисоббарор тадқиқотҳо сурат гирифтаанд.

Дар ҳоли ҳозир институт ба маркази мутобиқсозии тадқиқотҳо доир ба математика ва омодакунии кадрҳои баландмалака табдил ёфтаасст.

– Ҳамкорӣ ва табодули таҷриба бо ҳампешагони кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дар ҳама соҳаҳо ба рушду такомул мусоидат хоҳад кард. Доир ба ҳамкории институти математика бо марказҳои илмии хориҷӣ чӣ гуфтаниҳо доред?

– Тӯли солҳои сипаригардида институти мо бо марказҳои илмии кишварҳои хориҷӣ ҳамкории зиёд дошт. Дар ҳоли ҳозир институт бо Донишгоҳи Ню-Ҳоланди ИМА, Донишгоҳи Сантяго-де-Компастелои Испания, институти математикаи ба номи В. Стеклов ва институти физикаю техникаи Маскави Русия, институти математикаи Фарҳангистони улуми Белорус ва институти математикаи Фарҳангистони улуми Украина ҳамкорро дар асоси шартнома ба роҳ мондааст.

Соли равон дар шаҳри Сичуани ҶХХ конфронси байналхалқии математикони кишварҳои Хитою Осиёи Марказӣ баргузор хоҳад шуд. Дар он 17 нафар олимони пешбари ҷумҳурӣ баромад хоҳанд кард.

Ҳамчунин, имсол дар пойтахти кишварамон баргузории Анҷумани VII ҷамъияти математикони халқҳои туркигӯй дар назар аст, омодагӣ ба ин чорабинӣ идома дорад.

Соли сипаригардида 24 нафар ходимони илмии институт бино ба даъвати кишварҳои ИМА, ҶХХ, Англия, Фаронса, Белгия, Чехия, Финландия, Кореяи Ҷануби ва Латвия сафари илмӣ анҷом доданд, 17 нафар олимони кишварҳои хориҷӣ ба институти мо барои табодули таҷриба омаданд. Ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ, бешубҳа, ба рушду такомул ва пешрафти соҳа хидмат мекунад.

Боиси хушнудист, ки соли сипаригардида олими ҷавони мо Шерзод Муродов дар Донишгоҳи Сантяго-де-Компастелои Испания диссертатсияи ҳудро барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа (PhD) бомуваффақият дифоъ кард.

– Ба фикри шумо, барои рушди соҳа бояд боз ба чиҳо рӯйи эътибор гардонд?

– Тӯли чанд соли қаблӣ дар мактабҳо сатҳи дониши хонандагон то ҷое поин фуромад. Омӯзгорони фанни математика низ ба такмили донишу малака ниёз доранд. Дар мулоқот таъкид гардид, ки бояд хонандагонро ба фанни математика шавқманд намуд, зарурати дар ҳар ноҳия аз ҳисоби бачаҳои боиқтидор ташкил додани мактабҳои ба математика ихтисосонидашуда мувофиқи мақсад аст. Пешниҳод гардид, ки китобу дастурҳои дарсӣ бояд бо забони соддаю фаҳмо навишта шаванд, шуури математикии бачаро дар кӯдакистон ташаккул додан лозим. Фикр мекунам, ки ба амал татбиқ гардидани чорабиниҳое, ки доир ба рушди илмҳои дақиқ, аз ҷумла математика, ба миён гузошта шуд, ба пешрафти соҳа ва иқтисодиёти мамлакат хидмат мекунанд.

– Барои суҳбати пурмуҳтавоятон ташаккур.

– Саломат бошед.

Суҳбаторо

А. СУБҲОНОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Хабарҳо

Ҷашни хотирмон

Шоир, шоҳ ва арбоби давлатӣ Заҳириддин Муҳаммад Бобур шуҳрати оламшумул дорад. Аз ин ҷост, ки имрӯзҳо зодрӯзи ин нобиғаи бузург бо як руҳияти баланд ҷашн гирифта мешавад.

Аз ҷумла, ин иқдом дар маҳаллаи Тонг юлдузии ноҳияи Чинози вилояти Тошканд дар толори "Маркази маданияти ўзбеку тоҷик" хеле ҷолиб ҷашн гирифта шуд. Дар чорабинӣ падару модарон, муаллимон, зиёиёни деҳа иштирок карданд. Пас аз он хонандаи синфи 10-уми мактаби рақами 47 Сурайё Мунаввирова дар бораи тарҷумаи ҳоли Бобур мухтасаран маълумот дод. Хонандагон намоишҳои саҳнавӣ нишон доданд. Аз шеъру ғазал ва рубоиҳои шоир қироат намуданд. Зеро ҳамагон аз баромади талабагон ба завқ омаданд. Бахусус, баромади талабагони синфҳои болоӣ, ки бо либоси ҳарбӣ ба майдон баромада, парчами Ўзбекистонро парафшон намуданд, боиси кафкўбиҳои бардавом гардид.

Дар охири чорабинӣ талабагони синфи панҷум бо либоси миллии тоҷикона рақси зебоеро манзури тамошобинон гардонданд.

Шукурбой СУЛТОНОВ, хонандаи синфи 8-уми мактаби рақами 47 ноҳияи Чинози вилояти Тошканд.

Рӯзи дарҳои кушод

Бедор сохтани таваҷҷӯҳи ҷавонон ба санъат ва маданият, тарбияи диди эстетикии насли наврас, ба авлоди баркамол шинос намудани дурдонаҳои маънавӣ, ки мероси бебаҳо аз аҷдоданд, яке аз самтҳои панҷ ташаббуси муҳим мебошанд, ки аз ҷониби роҳбари давлат кор карда бароварда шудааст.

Дар доираи ба ичро расондани вазифаҳое, ки Президент муайян кардааст, дар Театри калони давлатии опера ва балети ба номи Навоӣ «Рӯзи дарҳои кушод» баргузор гардид. Иштирокдорон баъди баромадҳо оид ба корҳои шоёне, ки дар риштаи санъат ва маданият амалӣ мегарданд, операи «Самои муҳаббатам» (асари Арбоби санъати Ўзбекистон Мустафо Бафоев)-ро тамошо карданд, ки аз 2 парда ва 5 намоиш иборат мебошад.

Дар спектакл чеҳраҳои Ал-Фарғонию Ал-Хоразмӣ барин ниёҳои бузургамон ба пайдо меоянд, ки онҳо айни замон симоҳои барҷастаи мусиқии аҷдоданд. Оҳангсоз барои халқӣ ва оммафаҳм сохтани забони опера саъй ва ба ин муваффақ шудааст.

«Рӯзи дарҳои кушод»-и навбатӣ дар боргоҳи ҳунари зикршуда 27 феврал баргузор ва дар он операи «Найранги Майсара» (муаллиф С.Юдаков) гузошта мешавад.

Ҳақиқат дар бораи овозхони номӣ

Бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти овозхони номӣ, ҳунарпешаи мардумии Ўзбекистон, Туркманистон ва Қароқалпоқистон Комилҷон Отаниёзов дар Осорхонаи адабиёти ба номи Навоӣ маҳфили мусиқӣ-маърифатӣ баргузор гардид.

К.Отаниёзов аз фидоиёне ба шумор мерафт, ки кулли ҳунар, истеъдод, ҷустуҷӯҳои эҷодии худро ба рушди санъати сароянда-гии миллӣ бахшидаанд. Сурудҳои ў ҳанӯз садо дода ва ба дилу рӯҳҳо ҳаловату таскин мебахшанд. Баромадкунандагон хидматҳои бузурги ҳофизи номиро дар ташкил намудани ансамбли «Лазгӣ», барқарорсозии оҳангҳои халқӣ, ки як вақтҳо аз эътибор дур монда буданд, алоҳида таъкид сохтанд.

Ҳаёт ва роҳи эҷодии К.Отаниёзов аз ноҳамвориҳо ҳолӣ набуд. Лаҳзаҳои душвор, хорӣ ва зориҳо низ аз сар гузаронд ва ба касалиҳо печид. Китоби Шермат Ҳоҷа бо унвони «Ҳақиқатҳое, ки мо медонем ва намедонем» дар ҳамин хусус аст, ки ба наздикӣ аз чоп баромад.

Намоиши шахсии ду соҳибҷашн

Дар толори марказии Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон намоиши шахсии мусаввирони шинохта Валерий Кузнетсов ва Александр Батиков рӯйи кор омад, ки яке синни 80, дувумӣ синни 60-ро пур карда, ҳамон сермаҳсул эҷод мекунанд.

Дид, самт, услуби эҷодии ин ду рассом гунагун бошанд ҳам риштаҳои аён ва ноаёни муҳаббате, ки ба ин сарзамин ва табиату одамони меҳнатии он доранд, маҳсули эҷоди онҳоро ҳамоҳанг сохтааст.

Ҳудуди ҷуғрофии тасвирҳо васеъ, одамон, манзараҳо ва ашёҳое, ки тасвир шудаанд, ҷоннок ва табиӣ. Чаҳор фасли сол дар чаҳор гуна ранг ва тобиш дили тамошобинро ба ваҷд меоранд. Мозӣ низ аз назари мусаввирон дур намонда, кўчаю манзилҳои қадимӣ, қиёфаи шаҳри куҳна дар пеши назар намоён мегардад.

Ба рассомони соҳибҷашн «Ташаккурнома»-ҳои Фарҳангистони бадеӣ супурда шуд.

«Дунё дар паси оина»-и мусаввир

Академики Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон Владимир Бурмакин ба намоиши шахсиаш, ки дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд ташкил намуд, «Дунёи дар паси оина» ном гузоштааст.

Фаъолияти ў аз солҳои 60-уми қарни гузашта оғоз ёфта, натюрморт, манзара, портретҳое, ки бо диди ҷолиб офарид, таваҷҷӯҳи умум ба худ кашид. Вақтҳои охир вай дар графикаи компутерӣ, аккосӣ ва рангтасвир низ маҳорат санҷид, ки бинобар ғановат бо романтизм ҷудо шуда меистанд.

Офаридаҳои Бурмакин бисёр объектҳои замонавиро зеб мебахшанд, танҳо олами беруниро не, вай эҳсоси дуне́и ботинии инсонро низ устодона ба тасвир мекашад, гуфтанд баромадкунандагон.

Зикршуда иштирокдори як қатор намоишҳои байналхалқӣ низ буда, осораш дар музей ва галереяҳои зиёда аз 10 кишвари дунё ҷой гирифтаанд. «Дунё дар паси оина»-и ў то 27 феврал намоиш меёбад.

М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».

Муроҷиатномаи роҳбари давлат ба Сенат ва Палатаи қонунгузориро ҷамоаи вазорати мо, ходимони сершумори хоҷагии об, ки дар ҳамин сохтор меҳнат мекунанд, бо таваҷҷӯҳи калон шуниданд.

Роҳбари давлат дар қатори муҳимтарин соҳаҳо ба масъалаҳои ҷорӣ сохтани технологияҳои сарфакунандаи об ҷараёни идораи объектҳои хоҷагии об, назорати об ва автоматисозии сохтори пешбурди ҳисоби он, ҷамъбаст сохтани ҷараёни таҳияи Консепсияи рушди хоҷагии об алоҳида таваққуф намуд.

МУРОҶИАТНОМА БА МИЗОНИ ФАЪОЛИЯТИ МО ТАБДИЛ МЕЁБАД

Аз вазифаҳое, ки дар Муроҷиатнома муайян шудааанд, баромада омада, соли равон дар мамлакатамон дар зиёда аз 44 ҳазор гектар майдон ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи об, аз ҷумла, дар 24,8 ҳазор гектар пахтазор истифодаи обёрии қатрагӣ ба нақша даромадааст. Дар шароите, ки иқлими глобалӣ тағйир ёфта, талаб ба захираҳои об дар тамоми дунё меафзояд, дар парвариши кишоварзии Ўзбекистон татбиқ сохтани технологияҳои сарфакунандаи об яке аз вазифаҳои устувори рўз қарор гирифтааст.

Аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфтани ин қабил корҳо ба эътибор молик мебошад. Дар соли 2020 низ барои дастгирии татбиқи технологияи сарфакунандаи об 300 млрд. сўм ҷудо карда шуд. Миқдори субсидҳо ва тартиби ҷудо сохтани онҳо бо қарори Президент аз 25 октябри соли 2019 «Дар бораи чораҳои васеъ сохтани механизмҳои рағбатноксозии истифода аз технологияи сарфакунандаи об дар хоҷагии қишлоқ» муайян карда шудааст. Мувофиқи қарор аз навъи кишти хоҷагии қишлоқ, технологияи обёрӣ ва балли бонитети замин баромада омада, барои сохтори обёрии қатрагӣ ба ҳар гектар ба ҳисоби миёна 8 млн. сўмӣ, барои сохтори обёрии боронӣ 4 млн. сўмӣ, обёрии дискрет 1 млн. сўмӣ ҷудо кардан ба назар гирифта шудааст.

Алҳол дар ҷумҳурӣ дар 130 ҳазор гектар майдон технологияи обро сарфакунанда ҷорӣ карда шуда, аз он майдонҳое, ки бо усули қатрагӣ обёрӣ мешаванд, 77,4 ҳазор гектарро ташкил менамоянд. Соли 2020 то 250 ҳазор гектар расонидани майдонҳое, ки бо ҷорӣ шудани технологияҳои нав обёрӣ мегарданд, ба нақша даромадааст. Умуман, дар соли 2025 майдонҳои бо технологияҳои сарфакунандаи об обёришуда то 1 миллион гектар расида, аз ҷумла, майдонҳои бо усули қатрагӣ обёришаванда 250-300 ҳазор гектарро ташкил менамоянд.

Бобати ҷараёнҳои идораи объектҳои хоҷагии об, автоматисозии сохтори назорати об ва пешбурди ҳисоби он низ корҳои васеъ ба амал бароварда мешаванд. Аз ҷумла, мувофиқи шартнома бо Агентии ҳамкории байналхалқии Корея (KOICA) дар объектҳои асосии обии ҷумҳурӣ сохтори «Оби аҚлнок»-и замонавӣ ҷорӣ карда мешавад. Соли гузашта дар доираи лоиҳае, ки ба ивази гранти KOICA таъмини молиявӣ шудааст, дар 61 объекти хоҷагии оби ҷумҳуриамон асбобҳое устувор шуданд, ки сарф шудани обро бо усули онлайн назорат мекунанд. Ин гуна сохтор соли 2020 боз дар 90 объект ҷорӣ карда мешавад. Сохтори «Оби аҚлнок»-ро соли 2025 ба 300-то, ба соли 2030 омада, ба 1000-то расондан мавриди назар аст.

Ғайр аз ин бо мақсади маълумотҳо дар хусуси сатҳи обҳои сизотиро бо усули онлайн фиристодан, мониторинг сохтан ва ба ҳолати мелиоративии майдонҳои обёришаванда баҳо додан соли 2020 дар 2000-то, соли 2025 дар 6000 -то, то соли 2030 дар 27270-то ҷоҳи назоратӣ сохтори геохабарӣ гузошта мешавад.

Алҳол лоиҳаи Консепсияи рушди хоҷагии об то соли 2030 такмил дода мешавад. Барои кор карда бароварданиин ҳуҷҷат ба ҳисоби маблағҳои Бонки рушди Осиё, гранти Агентии рушд ва ҳамкории Швейсария экспертҳои байналхалқӣ ва мутахассисони ширкати «Aither»-и Австралия барои омодасозии ҳуҷҷатҳои ояндаи соҳаи хоҷагии обро муайянкунанда ҷалб карда шудааанд.

Муроҷиатномаи Президентро ба сифати барномаи асосии мизони фаъолияти худ қабул карда, барои дар муддати муайян хушсифат ичро намудани вазифаҳое, ки дар он нишон дода шудааанд, дар вазъи боз ҳам амиқтар амалӣ сохтани ислоҳот дар соҳа чораҳои аз об самаранок истифода бурданро ҷонноктар менамоем.

Баҳодур РЎЗИБОЕВ, ҷонишини якуми вазири хоҷагии оби Ҷумҳурии Ўзбекистон.



Дар шўрои шаҳрвандони маҳаллаи «Обод»-и ноҳияи Хўҷайлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бинои нави марказ кўмак ба шуғли аҳолӣ ба истифода супурда шуд.

Дар марказ бинобар таъмин кардани шуғли аҳолӣ пешниҳодҳо доир ба кор кардани барномаҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ ва ба равиши низомнок мувофиккунонии ичрои онҳо, ривоҷ додани шаклҳои самараноки шуғл, ташкил кардани ҷойҳои корӣ бо назардошти бозори меҳнат ва талаби аҳолӣ тайёр карда шуд. Чораву тадбирҳои баргузор кардани ярмаркаҳои меҳнат, бо кор таъмин кардани бекорон, аз ҷумла ҷавонҳо самти устувори фаъолияти марказ мебошад.

Дар сурат: *дар маркази кўмак ба шуғли аҳолӣ.*

Суратгир: Мақсад ҲАБИБУЛЛОЕВ. (ЎзА).

Аз ҳаёти деҳот

МУЛГОН ОБОД МЕШАВАД

Деҳаи зебоманзари Мулгони ноҳияи Сўх аз азал маскани одамони сарбаланд, баору номус, меҳнатӣ ва сухандону бомаърифат будааст. Яке аз шахсиятҳои нотакрори деҳа Усмоналиамак Ғиёсов (Худо раҳмат кунад) солҳои дароз ба деҳа саробонӣ намуда, дар пешравӣ, фаровонӣ ва нашъунамои он ҳиссаи босазо гузоштааст. Баъди ў ба ҷамоаи шаҳрвандони деҳа М. Азимбеков, А. Атабеков, Т. Ғиёсов, И. Қосимовҳо раисӣ намуда, ҳар яке алоқадри ҳол хидмати мардум карданд. Имрўз бошад, раисии маҳалла бар дўши Фурқатҷон Домуллоев бор аст. Фурқатҷон набераи Зарҳорбой Домуллоеви дар деҳа машҳур мебошад.

ҶШМ Мулгон аз 4 маҳалла: Спортчилар, Армуғон, Ибрат ва Ифтихор иборат буда, ҷамъи аҳолӣ 2950 нафарро ташкил мекунад. 10 нафар оилаҳои камтаъмину маъюбон дар мадди назари раис Ф. Домуллоев, котиб К. Каримов, сарвари занҳо Т. Мелникова, посбон Ҳ. Юсуфҷонов, сарвари маҳаллаҳо Б. Қозиев, Р. Каримов, Ҳ. Атабеков ва Э. Сўфиевҳо буда, имрўзҳо ободию зебогии ҳар чаҳор маҳалла аз якдигар намемонад. Дар ҳар як тадбиру маросимҳо мўйсафедон ва фаъолони маҳалла А. Атабеков, Д. Маҳмудов, Р. Тоҷиддинов, И. Саломов, Д. Маҳматов, К. Санобаров, И. Мелников, М. Қозиев, И. Боронов ва даҳҳо дигарон ёвару мададгори раиси ҷавонанд.

Аҳли Мулгон дорои кулли шароитҳои зиндагӣ буда, аз ҳеҷ чиз танқисӣ намекашанд. Ду кўдакистон, мактаби миёна, мактаби спорт, шуъбаи алоқа, нонвойхонаю чойхона, қассобхонаю 7 дўкони савдо, сартарошхона, устохонаи таъмири мошин, устохонаи тунукасозӣ, маркази тиббию шуъбаи ёрии таъҷилии тиббӣ дар хидмати аҳли диёранд.

Соли гузашта хурсандии аҳли деҳ дучанд гашт. Зеро деҳаи Мулгон ба барномаи «Қишлоқи обод» даромад. Натиҷаи ҳамин буд, ки 4 километру 300 метр кўчаҳои деҳ мумфарш гардида, 1800 метр шағалпўш карда шуд. 86 дона лампочка шабона кўчаҳои деҳаро фурўзон менамояд, ки аз ин шодию хушнудии аҳли деҳа ҳадду канор надорад.

Натичаи барнома буд, ки 90 метр роҳи пиёдагард таъмири хушсифат ва 80 метр мобайни роҳи пиёдагарду ҷўй гулзор карда шуд. Ба 280 метр ҷўй нова хобонда шуд, ки ин ба кўчаи деҳ ҳусн илова кард. Ба масофаи 2 км қубури обӣ хобонда шуд, ки он дар арафаи будшавист.

Он сон, ки аз нақли раиси ҷавон Фурқатҷон Домуллоев бармеояд, ҳоло барномаи «Қишлоқи обод» идома дорад.

Баҳриддин ТОҶИДДИНОВ.
Вилояти ФАРҒОНА.

Бозёфт

ДЕВОНИ НАВПАЙДОИ ДОНИШ

То кунун дар маҳофилу доираҳои илмӣ-адабӣ, мактабҳои миёнаву олӣ асосан роҷеъ ба осори насрии Аҳмад маҳдуми Дониш аз қабили «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун», «Шарҳи ҳоли амирони Бухорои шариф», «Номус-ул-аъзам», «Меъёр-ут-тадайюн» ва ғайра сухан ба миён меоварданд, вале дар ин хусус, ки ў дар дарбори Амир Музаффар, қабл аз ҳар чиз, чун муҳандису мусаввиру ситорашинос шуҳрат дошт ва осори гаронбаҳое дар улуми табиӣ аз ҷумла, «Зийҷи Аҳмади Дониш», «Манозир-ул-кавокиб» таълиф карда тачрибаҳое гузаронидааст, камтар ҳарф мезаданд. Зиёда аз ин, баъзеҳо низ таъкид мекарданд, ки ў асосан нависанда аст, на шоир ва девоне надорад.

Зимни тадвини Феҳристи нави дастнависҳои шарқи АУ Ўзбекистон, ки баъд аз тахминан 40 соли чопи Феҳристи маъруфи академик Семёнов сурат пазируфт, нависандаи ин сатрҳо вазифаи қироати матнҳои душворхони форсию арабии Феҳристро бар ўҳда доштам. Хушбахтона, рўзе дар миёни анбўҳи нусхаҳо чашмам ба ин дастхати девони Аҳмади Дониш, ки воқеан ҳам дар миёни як чилди се асар доштаи як дастнависи қарни XIX пинҳон шуда буд, афтод. Пас аз баррасиҳои ҳамачониба бо коршиносон ин девонро ба Феҳристи нав чун асари алоҳида ворид кардем, ки мухтасаран аз мушаххасоти зерин иборат аст: Забон – тоҷикии форсӣ, муаллиф – Аҳмад маҳдум бин ан-Носир ас-Сиддиқӣ мутахаллис ба Дониш ва мулаққаб ба Калла. Дар ин ҷилд се асари манзум гунҷонида шудааст: девони нахустин ба Зуҳурӣ тааллуқ дошта, девони дувум ба Аҳмади Дониш мутааллиқ буда, аз 60 варақ иборат аст. Ин девон моҳи октябри соли 1880 дар Бухорои шариф аз ҷониби котибе бо номи Абдулҳафиз китобат шудааст. Ашъор ба сурати зайл оросто гардидааанд: ғазалҳо, қасидаи муноҷот бо санъати ширу шакар, мухаммасҳои худи муаллиф бар ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз, Бедил, Имлои Бухоро, Ҷомӣ, Носир.

Дар истинсохи нусха, мутаассифона, котиб ба баъзе хатову иштибоҳоти имловӣ ва арўзӣ роҳ додааст, вожаҳоеро низ нохудогоҳ сарфи назар кардааст, ки ин ҳама ҷузъӣ буда, бар асолат ва арзиши умумии дастнавис осебе намерасонад.

Ба сурати куллӣ девони навкашфгардидаи Аҳмад маҳдум аз аввал то охир бо хати настаълиқи Бухоро хоно, фаҳмо, равон дар ду сутуни мураббаъ бо истифодаи мистар ва коғази дастсохти Хўқанд китобат шуда, мубарро аз ҳар гуна нокисии ҷиддист. Таҳқиқи адабӣ-матншиносӣ ва таҳияи девон барои нашри академӣ дар Институти ба номи Абўрайҳони Беруниӣ аз тарафи роҳими ин сатрҳо идома дорад.

Дар мавриди дигар осори назмӣ доштан ё надоштани ў зикр кардан ҷоиз аст, ки Аҳмади Дониш дар китоби боарзишаш «Наводир-ул-вақоеъ» таъкид кардааст, ки ба ҷамъу тадвини девони ашъораш напардохтааст.

Пас маълум мешавад, бегумон ашъори зиёде навиштааст ва ба эҳтимоли қавӣ, шояд девону манзумаҳои дигаре низ дорад, ки дар байни баёзу мунтахабҳо аз назари муҳаққиқони мо дуру мастур мондааанд. Мисдоқи фикри боло асари савуми ҳамин мучаллад аст, ки ба сурати баёз бо ашъори шуарои мухталиф, минҷумла, Фаридуддини Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ, Ҷомӣ, Исмати Бухороӣ ва як қасидаи Аҳмади Дониш низ тадвин ва ороста гардидааст.

Боз дар мавриди шоири тавоно будани Дониш як мулоҳоти ў бо Императори Русия ва арҷ ниҳодани шоҳ ба шеъри мадҳияи ў дар васфи Малика, духтари Император, далелест мубарҳан, ки дар «Наводир-ул-вақоеъ» нақл мегардад:

«Боре (Император) ҳамроҳи духтараш даст ба даст ҳамоёил карда меомад, то бо барҳўрд ба ман хитоб кард, ки «он навиштае, ки дар васфи Малика кардаӣ, дидам, бисёр хурсанд шудам, басе маъниҳои баланд дошт, аммо ҳайф аст, ки мо лафзи онро намедонем, то сара аз сақат (зишт) маълум кунем. Гуфтам: Алфоз қаволиби маъниҳост, то лафз хуб наёяд, маънии баланд аз вай сар бар назанад. Гуфт: Туро дар ҳазрати мо бисёр мадҳ кардаанд, ки донишвар аст ва ду-се рўз аст дар ин вилоят омадааст... чаро забони моро наомўхтаӣ ва намедонӣ? Гуфтам: Ҳар вақте ки маро дар давлати ту омадшуд афтод, шабу рўз моро ба гашту сайр фармуданд ва ба тамошохонаҳову корхонаҳо тавоф доданд, маро дил надод, ки тамошову сайрро гузошта, ба таҳсилу хондан машғул шавам ва боз гумон кардам, ки мабодо муовадат (бори дигар омадан) дар ин балда даст надиҳад ва мушоҳидаи ачоиботи давлате нав аз ман фавт шавад... Импротўр саре бичунбонид ва истеҳсон фармуд... Ҳар ҷо, ки моро медид, ба духтари худ ишора мекард, ки «ин он мард аст, ки туро мадҳ гуфтааст, вай ҳам (духтари Император) мутабассим шуда (табассум намуда), бо ман тамаллуқе мекард ва сар меҷунбонид...»

Агар дақиқтар ба таърихчаи офаридани ин мадҳия назар кунем, хоҳем дид, ки мубтакири он Козимбек, мутарҷими сафорат будааст. Аҳмад маҳдум бино ба дархост ва пофшориҳои зиёди ў дар бобати шеъре бахшидан ба ҷашни арўсии духтари Император, номи домоду арўс (Алфред ва Морӣ)-ро мепурсад, ки ба алифбои арабӣ дар мачмўъ нуҳ ҳарфро ташкил медиҳанд ва ҳамзамон ҳар нуҳ ҳарфро ба аввали нуҳ байт мувашшаҳ намуда, ба дасти мутарҷим медиҳад:

Моҳи бурҷи шараф,
эй Духти Шаҳи оламгир,
Кард бо Муштарии Саъд ҷирон аз тақдир.
Ин на он акди никоҳ аст, ки аҚли даррок
Ҳусни анҷоми варо кард тавонад тақрир.
Рангҳо ҷумла намуданд зуҳур аз ранге,
Нурҳо ҷумла гирифтанд бурун аз тастир.
Як ҷаҳон ҷамъ шуда ҳуру ҳарӣ
дар маҳфил,
Ҳама дар ҳусни сабоҳат ва дами
бадри мунир.
Ин на он Саъд бувад, дида бувад
дар сад қарн,
Чашми анҷум зи хами тоқияи чарх сайир.
Лаби соқӣ зи майи лаъл шуда шаккаррез,
Чашми шоҳид зи карашма ба ҷигарҳо
зада тир...
Фалак анбошта аз баҳри муборакбодӣ
Зи савоқиб ба сари халқ гуҳарҳои хатир.
Рафт овозаи ин базм ба ақтоъи ҷаҳон,
Кард кар гўши фалак ғулғулаи
ною нафир.
Дида бар қомати ў дид саводи таърих,
Худ кучо рафт аз он қадди
фатонат тахмир.

Сухани нахустро дар бораи Дониш, қабл аз ҳар манбаи дигар, ў худ гуфтааст, сипас устод Айнӣ ўро «модарзод» ном бурда, мегўяд: «Маълум аст, ки дар он овон дар Бухоро аз фикрҳои нав ва адабиёти ҷадида асаре набуд. Пас маълум мешавад, ки ин модарзод ҳама афкорашро аз ғайри талқини касе ва китобе, маҳзи тадаббуру тафаккури худ маишат ва дунёро ҳосил кардааст». Ба қавли устод Айнӣ «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмад маҳдум дар вақташ дар ў як инқилоби фикрӣ ба вуҷуд оварда буд. Ин тақрири устод Айнӣ ба ҳама зиёиёни он давраи Бухоро тааллуқ дорад. Фитрат ўро «мунаққиди бузурги замони худ» номида, зикр мекунад, ки Дониш зиндагонӣ ва тарзи ҳукуматдории Амир Музаффарро чун як мунтақиди тавоно тасвир намуд. Баъдан устодоне чун Расул Ҳодизода бо романи «Ситорае дар тирашаб», рисолаи «Аҳмади Дониш», олимони барҷастаи адабиётшиноси мо А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, М. Осимӣ, М. Шукуров ва дигарон паҳлўҳои осору аҳволи алломаро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд ва аввалин раҳнамоёни мо дар тариқи донишпажўҳӣ будаанд.

Кашфи ин девони ашъори ноб бар овозаву шоиҳое, ки Аҳмади Дониш гўё шеър наменавишта ва девоне ҳам надоштааст, нуқта гузошта, дарҳои нави таҳқиқотро бар мабнои осори назмии Аҳмад маҳдум ба рўйи муҳаққиқин боз хоҳад кард.

Дар поён аз матни ин девон абёту порчаҳои баргузидаеро тақдими соҳибназарони илму адаб ва ҳаводорони сухани ширини форсӣ-тоҷикӣ мегардонем.

Файзхоҷа МАҲМУДОВ, коршиноси бахши дастнависҳои нодири Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ.

***

Аҳмади ДОНИШ

Байтҳои интихобӣ аз манзумаи «Ислоҳот»

Осмон то накунад ҳеҷ қароре пайдо,
Кӣ кунад баҳри дили мо сару коре пайдо?
Дили вайрони маро кист, ки обод кунад?
Ин чаманро набувад абри баҳоре пайдо.
Ҳалқаи зулфи бутон доми дили шайдоист,
Сарбасаҳрозадагонрост шикоре пайдо.
Қомати хамшудаи мо накунад майли қиём,
Заъфдилро шуда имрўз мадоре пайдо.
Хоки мо мегузарад аз сари иқболи ҷаҳон,
Нест осудатарам синафигоре пайдо.
Дил ба хун ғўта заду қимати лаъле
гул кард,
Ин таманно шуда дар ҳар сари
хоре пайдо.
Лола аз саркашии хеш ба дил дорад доғ,
Хам шаву зери бағал соз аноре пайдо.
Дониш, аз тарки ҷаҳон ҳоли ту
осуда нашуд,
Беҳтар он аст кунӣ лолаузоре пайдо.

***

Теғаш зи сина, ханҷари ў аз ҷигар гузашт,
Кокул ба дўш омаду зулф аз камар гузашт.
Дар ошёни кулбаи мо устухон надид,
Аз сар хумои толеи мо тезпар гузашт.
Ин хирагӣ, ки халқ ба ҳам кор мебаранд,
Таъсири ў ба сина зи теғу табар гузашт.
Рўи ту дар сафову ҷабини ту дар ҷило,
Дар вартаи камол зи шамсу қамар гузашт.
Бигзашт умр дар ғаму мақсад нашуд найл,
Тири дуо магар зи ҳадаф дуртар гузашт?
Ҳафтод беш рафт зи авқоти умр, лек
Дониш нагуфт ин қадару он қадар гузашт.

Дил ба умед аст

МАҚОМИ МУАЛЛИМ ДАР ҶОМЕА



Омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷики мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 13-уми деҳаи Поршт Собир Эргашевро ҳанӯз аз даври мактабхонӣ мешиносам. Таҳти роҳбарии ӯ баҳори соли 1992 мо як гурӯҳ аз мактабҳои тоҷикии ноҳияи Фориш барои иштирок дар озмуни ҷумҳуриявӣ аз забону адабиёти тоҷик ба ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё рафтем.

Баҳдтар рафиқони даври донишҷӯияш дар шаҳри Душанбе ҳаёт мепурсиданд. Вақте ки аз факулта барои таҷрибаомӯзӣ ба идораи рӯзномаҳо фиристоданд, корманди рӯзномаи «Ҷумҳурият» Нуриддин Қаршибоев аз кору зиндагии ӯ пурсид. Дарвоқеъ, Собир Эргашев соли 1983 шуъбаи журналистикаи факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намуда, бо тақозои шароити оилавӣ ба зодгоҳ баргашт. Инак, аз ҳамон давр дар ин мактаб ба насли наврас дарс мегӯяд.

– Дар бадали ин қадар солҳо шогирдони зиёд тайёр кардам. Аз ҳама қобилиятнокашон Лайло Сатторова, Марям Султонова, Гулҳаё Завқиева мебошанд, – мегӯяд бо хушҳолӣ Собир Эргашев. – Ба ғайр аз ин, шогирди дигарам М.Назарова се сол аз рӯи ин фан дар марҳилаи вилоятии озмун ҷойи аввалро гирифта, дар озмуни ҷумҳуриявӣ иштирок кардааст.

Ба наздикӣ дар ин мактаб ҳузур доштем. Дар хонаи муаллимон менишастем. Муаллим ба дохили китобу дафтарҳояш ду вараки рангпарида ва куҳнашударо ба ҳамроҳам дароз карда гуфт:

– Ин диктантҳои замони мактабхонии шумост. Аз сӯрохии тирезаи хона ҳамин сол зимни таъмир пайдо кардем. Маълум гардид, ки соли 1969 падарам аз фанни забони русӣ диктант гирифтааст.

Диктантҳо марбут ба хонандагони синфи III Кӯшмурод Одинаев ва Раҳимбек Тӯев буд. Муаллим Ҳасанбой Эргашев (падари Собир Эргашев) ба онҳо дарс додааст. Мавзӯи диктант «Муравей и зерно» («Мӯрча ва гандум») ном дорад. Аз байн қариб 52 сол сипарӣ гашта бошад ҳам, вараҳҳо дар сӯрохи девор то ба даври мо омада расидаанд ва хотираҳоро пеши назар зинда мегардонанд.

Муҳити оила ба фарзандон бетаъсир намемонад. Духтараш Савсан ҳам ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ дарс медиҳад. Собир Эргашев ҳоло вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои маънавӣ-маърифатиро дар ӯҳда дорад.

Як андоза дилсӯзӣ нисбат ба рӯзнома аз ҷониби Собир Эргашев барин омӯзгорон эҳсос мегардад. Эътибори бештари роҳбарони мактабҳо лозим аст.

Солҳои охир ба мактабу маориф диққату эътибор ва ғамхории ҳукумати ҷумҳурӣ бевосита бо ташаббуси сарвари давлат дучанд гардид. Маоши омӯзгорон афзуд. Дубора ба китобу китобхонӣ эътибор дода шуд. Як идда омӯзгорони ҷавон ба мактаб омаданд. Онҳо ҳам дар ҷараёни дарсҳо навоварӣ кардан мехоҳанд. Албатта, дар роҳи таълим ба ин авлоди ҷавон муаллими ботаҷриба Собир Эргашев сару сарвар мебошад. Дар ин ҷо боз солҳои мактабхонӣ ба ёд омад. Барои дарёфти медали тилло дар синфи 11-ум мебоист аз ду фан: алгебра ва адабиёт имтиҳони хаттӣ месупоридем.

Дар аснои иншонависӣ муаллим ба иштирокчиён ду мисраъ шеър ё як ҷумла ба сифати кӯмак навишта дода буд. Барои ман дар қоғазчаи навишта буд: «Дили одамизод моломоли орзуву умед аст».

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти ҶИЗЗАХ.

Дар хорича чӣ гуна?

Вақтҳои охир саросари мамлакати моро мавҷи ислоҳот фаро гирифтааст. Доир ба ислоҳоти соҳаи таълим низ фикру ақидаҳои мухталиф ва баҳсу мунозираҳо идома доранд. Хушбахтона, Президент барои кормандони муассисаҳои таълим беш аз пеш шароити хуб фароҳам меоварад.

ҶИҲАТҲОИ АҶИБЕРО КАШФ КАРДАМ

Пӯшида нест, ки солҳои охир дар дили омӯзгорони зиёд нисбат ба ин касбу кор шӯълаи умед фурӯзон гардид.

Аммо ман мехостам дар борои он мулоҳиза ронам, ки дар хорича таълиму тарбия чӣ тавр ба роҳ монда шудааст, аз ин хотир ба кишвари Финландия таваҷҷӯҳ кардам. Агар мо низ дар маврриди истифодаи баъзе ҷиҳатҳои оид ба таълим аз таҷрибаи ин кишвар истифода намоем, ба манфиати кор аст.

Марказҳои бонуфузи тадқиқотии ҷаҳонӣ низоми таълими Финландияро дар ҷаҳон беҳтарин меҳисобанд. Агар аз наздик шинос шавем, дарҳақиқат, барои худ ҷиҳатҳои аҷиби онро кашф хоҳем кард. Масалан, мактабҳо ба тоифаҳо ҷудо карда нашудааанд барҳаксҳамаи онҳоро давлат таъмин мекунад.

Дар ҷараёни таълими мардуми фин дар синфҳои ибтидоӣ системаи баҳогузорӣ мавҷуд набуда, хонандагон имтиҳон низ намесупоранд, ҳатто ба онҳо вазифа ҳам дода намешавад. Хонандагон бисёр иншо менависанд ва таваccути он ба фикри шахсии худ соҳиб мегардандд.

Дар онҳо ба ҳамаи фанҳо муносибати якхела ба назар мерасад, яъне яке аз фанҳо ё гурӯҳи фанҳоро чуқур омӯхтан шарт нест. Як хонандаро ба хонандаи дигар муқоиса кардан манъ аст. Дар як синф ҳам хонандагони солим, ҳам хонандагони маъюб ва ҳам аълохон таҳсил мегиранд.

Санаҳо, қарорҳо, истилоҳҳои гуногунро аз ёд карданашон шарт нест. Яъне хонандагон аз манбаъҳои гуногун, ба монанди ахборномаҳо, луғатҳо, ҳисобкунак, интернет ва монанди инҳо васеъ истифода мебаранд.

Пардохти таълим, хӯрок, саёҳат ва роҳкиро аз ҳисоби давлат аст. Дар ин асно пулгункунӣ аз волидайн қатъиян манъ карда шудааст.

Муаллим дар як рӯз ҳамагӣ 4 соат дарс мегузарад ва 2 соат дар болои худ кор мекунаду малакаашро меафзояд. Ба ҳар як муаллим ассистент вобаста карда шудааст.

Баъзан муаллимро ҳамроҳи хонандагон дар тамошои филмҳо, хӯроки наҳор ё нисфирӯзӣ дидан мумкин аст.

Ҳоло ба Финландия номҳои «Мамлакати беҳтарини дунё», «Қулайтарин мамлакат» ва ё «Мамлакати аз ҳама бехавф» ва монанди инҳоро нисбат медиҳанд.

Шиори онҳо дар таълим чунин аст: «Мо бачагонро ба ҳаёт тайёр мекунем, ё ба имтиҳон. Ва мо, албатта, роҳи якумро интихоб мекунем.»

Комилҷон САЛОМОВ,
омӯзгори мактаби таълими ҳамагонии рақами 2-юми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.

ЭЪЛОН

БА ТАВАҶҶӮҲИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН!

1 марти соли 2020 интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Дар Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Тошканд участкаи интихоботии ҳавзаи №3 ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе таъсис ёфтааст.

Шаҳрвандон метавонанд ҳуқуқи интихоботии худро тавассути овозиҳӣ дар ин участка рӯзи 1 март аз соати 08.00 то 20.00 амалӣ гардонанд.

Пешниҳодҳо барои ташкили овозиҳии пешакӣ ва сайёр дар марказҳои вилоятҳои Ӯзбекистон бо телефони (71)2156775 қабул карда мешаванд.

Суроғаи: ш.Тошканд, н.Яккасарой, кӯч.Абдулло Қаҳҳор, гузаргоҳи 6, х.61.

ШОИСТАИ ЭҲТИРОМ

Мактаби миёнаи деҳаи Эҷ бонувони муаллимро кам дидааст. Онҳо ангуштшуморанд, аз ҷумла, Сафияи Қазоқ, Тӯхтагули Рӯзӣ, Ҳадичаи Бадал (рӯҳашон шод бод), Майрами Қамбар, Мавлудаи Боймурод...

Ҳоло дар ин мактаб аз муаллимаҳо Холбикаи Имомназар фаъолият дорад. Ӯ соли 1995 мактаби миёнаро бо медали тилло тамом карда, бо супоридани як имтиҳон ба шуъбаи тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро дохил мешавад. Дар ин хусус бародари Холбика, адиб Юнуси Имомназар дар саҳифаи фейсбукии худ нақли ҷолиберо овардааст: «Ба ман муяссар шуда буд, ки ҳангоми фаъолиятам дар зодгоҳ ягона хоҳари азизам Холбикаро пас аз хатми мактаби миёна ба донишгоҳ барам. Ҳуҷҷатҳояшро ба шуъбаи тоҷикии факултаи филологияи ӯзбеки Донишгоҳи давлатии Бухоро супоридем. Азбаски хоҳарам мактабро бо медали тилло хатм намуда буд, агар имтиҳони аввалро бо баҳои аъло месупорид, аз имтиҳонҳои дигар озод шуда донишҷӯ мегардид. Хушбахтона, дурри мақсуд ба даст омад. Пас аз имтиҳони аввал (супурдани иншо аз фанни адабиёт) дар ҳавлии донишгоҳ бо устоди шодравон Маҳмуд Қосимов вохӯрдам. Бовар кунед, эшон аз ман хушҳолтар буданд. Маро ба оғӯш гирифта гуфтанд: «Дар ҳаётам ин гуна иншои нозанинро надида будам. Бехато ва хеле эҷодкорона навиштааст, бе дудилагӣ «5/5» гузоштам...!»

Иштиёқи баланди дарсхонӣ, муҳаббати беандоза ба касби донишу пешаи баргузида буда, ки Холбикаи Имомназар дар донишгоҳ низ бомуваффақият таҳсил мегирад ва онро соли 1997 бо дипломи имтиёзнок хатм мекунад. Аз он дам инҷониб ӯ омӯзгори фанҳои забону адабиёти тоҷик ва забони ӯзбекӣ дар мактаби миёнаи деҳаи Эҷ аст.

Камоли сутуданист, ки имрӯзҳо на танҳо донишомӯзон, ҳамчунин тамоми ҷамоаи мактаб ва аҳли деҳа Холбикаи муаллимаро дӯст медоранд ва гузашта аз донишу маҳорати шоистаи омӯзгорӣ ба одобу муомила ва барҳурдҳои шоистаи ӯ эҳтиром мегузоранд. Дар ин робита мудири мактаб, омӯзгори ҷавон ва пурсаъю талош Нуруллоҳ Солеҳ мегӯяд: «Он чиз боиси фахру шодмонии мост, ки дар канорамон омӯзгоре ба мисли Холбика – дӯстдори зиндагӣ, меҳрубони оила, ба таври комил ворид ба касбу пешаи худ, муҳтарам дар байни мардум фаъолият дорад. Холбика аввалин ва то имрӯз охирин хатмкунандаи мактабамон аст, ки ба дарёфти медали тилло мушарраф шуда, донишгоҳро низ бо дипломи аъло хатм кардааст. Ҳоло фаъолтарин муаллими мактабамон дар баргузории ҷашнҳо, гузарондани дарсҳои кушод, ташкили озмунҳову тайёр намудани донишомӯзон ба сабқатҳои донишу олимпиадаҳо мебошад. Дарсҳои Холбика Нурназарова на танҳо дар миқёси мактабу ноҳия, ҳамчунин дар вилоятамон оммавӣ шудааст».

Ин эҳтиром ва арзёбии воло буда, ки ҳайати мудирият ва эҷодии мактаби миёнаи рақами 43 фаъолияти ҳамаҷониба густурда ва самарбахши Холбикаро дар соҳаи омӯзишу парвариш ба инобат гирифта, соли гузашта ӯро ба унвони ифтихории «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» пешбарӣ намудааст. Ва ин эътироф аввали соли ҷорӣ ҷомаи амал пӯшид. Холбика Нурназарова дар маросими бошукӯҳе, ки бо ширкати муаллимони пешқадам ва аҳли равшанфикр дар Кохи анҷуманҳои ҳокимияти вилояти Навоӣ доир гардид, аз дасти ҳокими вилоят гувоҳномаю нишони «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон»-ро дарёфт намуд. Бешубҳа, ин муваффақият натиҷаи кору заҳматҳои фаровони муаллима ва ҳамкорони ӯ ва нишонаи қадрдонии ҷумҳуриамон аз омӯзгорон аст.

Шухрат ҲАЙИТОВ,
вилояти НАВОӢ.

Дар мактаби таълими умумии рақами 9-уми ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд чорабинӣ таҳти унвони "Раҳмат ба ту, Алифбо!" баргузор шуд. Дар иди алифбо хонандагон шеърҳоеро, ки бо номгӯи ҳарфҳо эҷод шудаанд, пешкаш намуданд. Рақсу сурудҳои дилошӯб рӯҳи тамошобинонро болида сохт. Дар охир хонандагони наврас бо кӯмаки омӯзгори мусиқӣ Ғойибҷон Ашурзода суруди миллии кишварро қироат карданд.

Алҳол дар мактаб 40 нафар хонандагони синфи 1-ум таҳсил мегиранд, ки ба онҳо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ Тоҷиддин Шодиев ва Абдувосеъ Рабиев роҳбарӣ мекунанд.

***Дар сурат:** лавҳа аз маҳфил.*

Суратгир: М.ҚОДИРЗОДА.

Маҳмуд Асъади Ҷӯшон

Малакаи хондан ва навиштан

ҚОИДАҲОИ ТИЛЛОИИ ФАЪОЛИЯТ КАРДАН

Барои кор рӯз ва соати мувофикро интизор нашав, ҳар рӯз, ҳар соат барои анҷом додани кор фурсати мувофиқ аст. Барои кор ҷой ва гӯшаи мувофиқ ҷустуҷӯ накун, дониста бош, ки ҳар ҷо, ҳар гӯша барои кор кардан мавзеи муносиб аст.

***

Кор, дарс ва вазифаеро, ки иҷрои он имрӯз лозим аст, ба пагоҳ нагузор. Чунки ташвишу кори ҳар рӯз ба худаш кифоя аст.

***

Дар як вақт танҳо як корро иҷро кун, болои як дарс, як китоб, ҳатто як бахш фаъолият намо, то диққату қуввати ту заиф нагардад.

***

Кор, дарс, китоб, вазифаи оғозкардаи худро ба анҷом нарасонида, дигарашро шурӯъ накун, кори нотамом ба кори шурӯъношуда монанд аст.

***

Пас аз итмоми кори имрӯза нақшаи кори пагоҳро омода кун.

***

Ҳангоме ки ба сари кор менишинӣ, бо тамоми қуввати рӯҳӣ ва ҷисмонӣ худатро ба он бубахш, мисли ҷанговаре, ки дар хати ҳуҷум душманро мушоҳида мекунад, ҳушёр бош!

***

Дар кор, агар бо душворӣ рӯбарӯ шавӣ, онро мағлуб накарда, як қадам ҳам ақибнишинӣ накун ва дониста бош, ки беқарорӣ коҳилии зери ниқоб аст.

***

Иштиёқи кор аз рафъи душворӣ пайдо мешавад ва қувват мегирад. Лаззати маънавии аз рафъ кардани душворӣ ҳосилшуда завқи бемисл аст.

***

Душвории ба корат дучоршударо аввал тақсим кун, баъд кӯшиш кун, ки ҳар як қисми онро бо навбат мағлуб намоӣ.

***

Давомдор ва мунтазам кор кун, дар ҷараёни кор танаффуси дароз лозим нест, то ки қобилияти фаъолияти ту суст нагардад.

***

Аз як кор монда шавӣ, барои истироҳат фаъолиятатро дигар кун, ё ки суръати онро сут намо. Фақат бо баҳонаи истироҳат бекор манишин. Ҳатто дар моҳҳои таътил кам бошад ҳам, кор кун.

***

Бештар фикр кун ва дониста бош, ки кор кардан аз ҳаракат ё ҳондану навиштан иборат нест.

***

Ҳангоми шурӯъ кардани ягон кор ё омӯзиши дарс бо саросемагӣ сабрро аз даст надеҳ, ба фаъолият ворид шав, танҳо саросема нашуда, онро ҳазм карда фаъолият намо ва омӯз.

***

Хашмолуд ҳеҷ вақт ба иҷрои ягон кор саъй накун, паст шудани онро интизор бош.

***

Агар барои иҷрои коре ба қарори муайяне омада натавонӣ, ҷиҳатҳои фоидаовар ва зараровари онро хуб фикр кун. Кореро, ки фоидаи беш ва зарари кам дорад, интихоб намо.

***

Аз таҷрибаи калонсолон истифода бар, чизи аз таҷриба гузаштаро бехуда таҷриба накун, ки пушаймон хоҳӣ шуд.

***

Пеш аз шурӯъ кардани кор бисёр фикр кун, пушаймонии сонӣ суд надорад.

***

Аз комёбии худ мағрур нашав, мағрурӣ душмани ашаддии комёбиҳои ояндаи туст.

Тарҷумаи
Х. ҲАМИДОВ.

ИЛМУ МАЪРИФАТРО РИВОҶ МЕДИҲЕМ

Ҳанӯз солҳои таҳсил дар мактаби таълимоти умумии деҳаамон – Зангат ба касби омӯзгорӣ меҳр пайдо карда будам. Дар ноҳияи мо теъдоди занони омӯзгор чандон зиёд набуданд, аммо ҳоло шумораи занҳои соҳибмаълумот мунтазам рӯ ба афзоиш аст. Бо вучуди ин, аксарияти занону духтарони сӯхӣ ё ба корҳои саҳро машғуланд ё хонанишин ҳастанд.

Вақте ки дар синфҳои болоӣ мехондам, гашту гузор ва бо либосҳои зебо ба мактабу синфхонаҳо ҳозир шудани занони омӯзгор таваҷҷуҳамро ба худ мекашид ва муҳаббатамро нисбат ба ин пешаи пурмасъулияту бошараф беш аз пеш меафзуд. "Чаро ман наметавонам мисли онҳо муаллима шаваму ба фарзандони мардум сабақ диҳам?" ба худ савол медодам ман.

Дар мактабамон яке аз талабагони аълохон ба шумор мерафтам. Падарам Расулҷон Мавлонов мехостанд, ки мо хонему соҳибмаърифат шавем. Боре пурсидам, ки оё розӣ ҳастанд то баъди хатми мактаб хуҷҷатҳоямро ба Донишгоҳи давлатии Фарғона бурда супорам.

– Чаро не, духтарам? Ҳатман ин корро мекунӣ! Кайҳост мебинам, ки меҳри касби омӯзгорӣ дар дилат маъво гирифтааст. Аз муаллимони мактаб ҳам пурсидам. Онҳо гуфтанд, ки дар дарсҳо ҳамеша фаъол ҳастӣ ва аз қатори толибагони аълохон ҷой гирифтаӣ.

Ин суханҳои онҳо маро хеле хушҳол намуд. Аммо барои он ки таҳсилро дар донишгоҳ давом диҳӣ, бояд нағзакак тайёрӣ бинӣ, вагарна аз имтиҳонҳо гузаштан кори содаву осон нест. Ман аз таҳти дил мехоҳам, ки ту низ мисли духтарони дигар хониву муаллима шавӣ, – гуфтанд падарам бо меҳрубонӣ.

Баъди ин суҳбат шавқам нисбати ин касб боз бештар шуд ва аз хурсандӣ дар курта нагунҷидам. Вақтро ғаниматшумурда, шабу рӯз тайёрӣ медидам, ба саволҳои озмоиш ҷавоб меҷустам, китоб варақ мезадам. Ҳамон солҳо барои духтарони деҳот падару модарони зиёд чандон имкон намедоданд, ки раванду дар донишгоҳҳо таҳсилро идома диҳанд, соҳиби касбу кор шаванд. Хусусан, духтарони сӯхӣ аз имкони таҳсил маҳрум буданд. Бар иловаи мушкилоти дигар пайдо шудани мушкилоти роҳ ва азияти равуо аз тариқи хоки Қирғизистон ба маркази вилоят ва шаҳрҳои дигар дар амалӣ намудани орзуву ормонҳои духтарони мо монеаи ҷиддӣ эҷод менамуд. Аммо бо иродаи падари меҳрубонам чунин имконият барои ман фароҳам оварда шуд.

Вақте ки имтиҳонҳои хатм ба охир расид, ҷамъомади калон баргузор гардид. Директори мактаб дар фазои мутантам ба дасти ҳар кадоми мо шаҳодатнома супурд.

Ҳамроҳи падарам ба маркази вилоят рафтем. Дар назди комиссияи қабули Донишгоҳи давлатии Фарғона одам хеле зиёд буд. Ҳамон рӯз то навбатамон расид, ки рӯз бегоҳ шуд. Танҳо субҳи рӯзи дигар тавонистем, ки хуҷҷатҳояро ба факултаи таърих супорем. То рӯзи имтиҳон ҷиддан тайёрӣ дидам ва кӯшиш кардам, ки дар имтиҳони дохилшавӣ холҳои баланд ба даст оварам. Рӯзи имтиҳон фаро расид ва падарам бароям фотиҳа доданд. Дар қатори ҳамтоёнам бо дили пур ба имтиҳон даромадам. Гумон мекунам, ки саволҳои имтиҳон чандон мушкил набуданд ва ба саволҳои зиёд ҷавоби мусбат додам. Бо вучуди ин, дар ҳарос будам, ки мабодо аз имтиҳон афтаму дар назди дугонаҳоям шарманда шавам.

Замоне, ки номамро дар феҳристи умумии дохилшудагон хондам, аз шодӣ мегиристаму механдидам. Падарам низ хеле хурсанд шуданд ва аз пешонаам бӯсида, табрикам карданд. Чӣ бахту саодати бузург бароям даст дода буд, ки ба орзуи дерина расидам ва аз ин бахту саодат меболидам.

Яке аз устодонам номзади илми таърих Раҳматҷон Арслонзода, чи дар донишгоҳ ва чи дар зиндагӣ бароям роҳи ҳаётро омӯзонидааст. Ҳамеша тақозо мекард, ки ба дарсу машғулиятҳо бо тайёрӣ биёям ва имтиҳону санҷишҳоро бомуваффақият супорам. Ҳамин тавр, соли 1996 курси дуюмро хатм кардам ва барои таътил ба деҳа омадам.

Тибқи таомули мардумамон падару модар духтарҳои худро дар хона муддати дароз нигоҳ намедоранд. Ҳатто духтарашон донишҷӯ бошад ҳам, кӯшиш мекунанд, ки ӯро ба соҳиби сараш супоранд. Ҳамин тарик, ман низ издивоҷ кардам. Баъд донишгоҳро хатм намуда, бо диплом ба деҳа баргаштам. Ҳамсарам низ омӯзгори синфҳои ибтидоӣ аст. Дар як мактаб ҳамроҳ кор мекунем.

Дар ин миён мо соҳиби ду писар шудем. Писари калонӣ ҳоло дар курси дуюми факултаи химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд таҳсил мекунад. Писари хурдӣ талабаи синфи даҳуми мактаби таҳсилоти умумии рақами 3-юми ноҳия мебошад. Вай низ орзуманд аст, ки мисли ману падараш ва бародараш омӯзгор шавад.

22 сол боз дар мактаб муаллимаам. Имсол барои синфҳои 5-10 аз фанни таърих дарс медиҳам. Кӯшиш мекунам, ки шогирдонам аз дарсҳои ман саводи хуб гиранд. Бо муаллимони дигар маҳфилҳо ташкил мекунем, чорабиниҳои гуногун мегузаронем.

Чанд сол муқаддам шароити меҳнат ва маоши муаллимон чандон хуб набуд. Аммо бо саъйи сарвари давлатамон сол аз сол шароити кормандони муассисаҳои таълимӣ беҳтар мешавад ва маош афзоиш меёбад.

Имсолро Президент Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ унвон намуд. Мо бояд дар ин росто талоши бештар ба харҷ диҳем ва бо эҳсоси масъулият кор кунем, фарзандони мардумро дуруст таълиму тарбия диҳем.

Гулбаҳор АЙЮБҶОНОВА,
омӯзгори фанни таърихи мактаби таҳсилоти умумии рақами 3, ноҳияи Сӯх.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаи Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ӯзбекистон Республикаи Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаи Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-235. Адади нашр 958, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

ISSN 2010-7757

1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Х. Ҳамидов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.